## Подкасти лоиҳаи GEFF Тоҷикистон #3: Сардхонаҳо

***Мутахассис оид ба маркетинги лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:***

Салом шунавандагони азиз, хуш омадед ба эпизоди 3-юми силсилаи подкастҳои лоиҳаи GEFF Тоҷикистон! Мо ба тариқи равшан инъикоснамоии таъсири тағйирёбии иқлим ва роҳҳои ҳалли «сабз»-и онро, ки ба шароити Тоҷикистон мутобиқанд, идома медиҳем. Дар шароити тағйирёбиҳои иқлим, ки дар Тоҷикистон ба вуқӯъ мепайванданд, масъалаи таъмини бехатарии занҷираи дохилии дастраснамоии маҳсулоти озуқаворӣ, хусусан дар давраи пандемияи Covid-19 бениҳоят муҳим мебошад.

Лоиҳаи GEFF дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан технологияҳои пурсамари «сабз»-ро, ки ба афзунгардонии маблағгузориҳо ба иқлими Тоҷикистон равона шудаанд, дастгирӣ менамояд. Он аз ҳисоби сарфа намудани хароҷотҳо, баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва беҳсозии сатҳи зиндагонӣ ба сармоягузорон таъсири мустақим дорад. Лоиҳаи GEFF бо мақсади фаро гирифтани корхонаҳои хурд ва шахсони воқеӣ ҳамкориро бо шабакаи Шарикони молиявӣ ба роҳ мондааст.

Ман Азиз Ғафоров, мутахассис оид ба маркетинги лоиҳаи GEFF Тоҷикистон ҳастам. Дар шумораи гузаштаи силсилаи подкастҳо мо масъалаи гармхонаҳои муосирро мавриди баррасӣ қарор дода будем. Подкасти имрӯза бошад, барои зеркашӣ намудан дар сомонаи мо бо суроғаи www.ebrdgeff.com/tajikistan дастрас мебошад. Силсилаи подкастҳои лоиҳаи GEFF Тоҷикистон ба масъалаҳои агробизнес ва занҷираҳои арзиши иловашуда дар соҳаи кишоварзӣ бахшида шудааст. Дар он метавонед бо мутахассисони маҳаллӣ, инчунин бо агрономҳо ва муҳандисон сӯҳбат намоед.

Имрӯз мо дар бораи сардхонаҳо, яъне ҷойҳои махсус барои нигоҳдориии меваю сабзавот, инчунин дигар маҳсулоти ба инҳо монанд, ки ба дароз намудани мӯҳлати истифодабарии онҳо мусоидат менамоянд, сӯҳбат хоҳем намуд. Тақрибан аз се як ҳиссаи маҳсулоти тару тоза зуд вайрон мешавад ва дар ин росто сардхонаҳо барои то ҳадди ақал кам намудани талафотҳои баъд аз ҷамъоварии маҳсулот нақши ҳалкунандаро мебозанд. Талафот дар ҳар як марҳилаи сикли баъд аз ҷамъоварии маҳсулот ба амал меояд. Дар сардхона нигоҳ доштани маҳсулот – ин унсури асосиест, ки ҳамгироии он дар занҷираи дастрасгардонии маҳсулот аз нуқтаи ҷамъоварӣ то ба истеъмолкунандагони ниҳоӣ расонидани он зарур аст. Мутахассиси техникии мо Фарҳод Умаров дар бораи афзалиятҳои ин технология, муаммоҳо ва роҳҳои ҳалли онҳо, ки ба баланд бардоштани рақобатпазирии занҷираҳои арзиши иловашуда дар соҳаи кишоварзӣ ва баланд бардоштани устуворӣ ба тағйирёбии иқлим дар Тоҷикистон мусоидат менамоянд, нақл хоҳад намуд.

Фарҳод, Шумо метавонед гӯед, ки афзалиятҳои асосии маблағгузории сардхонаҳо кадомҳо мебошанд?

***Муҳандиси лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:***

Дар тамоми қаламрави мамлакатамон деҳқонон зуд-зуд бо муаммоҳои нигоҳдории меваю сабзавоти ҷамъоваришуда рӯбарӯ мешаванд. Агар меваю сабзавотро муддати кӯтоҳ нигоҳ доштанӣ бошем, он гоҳ дар ин маврид истифодаи анбори салқин ё таҳхона кифоя аст. Вале барои муддати тӯлонӣ нигоҳ доштан, фарз мекунем, агар зиёда аз ним сол бошад, он гоҳ ба мо дастгоҳҳои сардкунанда лозиманд. Аз рӯи ақидаи коршиносон дар ин ҳолат маҳсулот вазн ва сифати худро хуб нигоҳ дошта, талафот бошад хело назарнорас, яъне то 0,5%-и вазни умумии маҳсулоти нигоҳдоришавандаро дар як моҳ ташкил медиҳад.

Агар сухан дар бораи даромад равад, дар ин ҷо маврид ба зикр аст, ки дар мавсими зимистон ба фурӯш баровардани меваю сабзавот барои ба даст овардани даромади зиёд имконият медиҳад.

Ҳамзамон деҳқононе, ки барои сардхонаҳо маблағгузорӣ намудаанд, метавонанд сардхонаҳои зиёдатиро ба ҳамсоягони худ ба иҷора диҳанд ва аз манбаи иловагии даромад баҳраманд гарданд.

*Мутахассис оид ба маркетинги лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Шумо метавонед ба таври муфассал дар бораи сохтмони сардхонаҳо ва хароҷотҳои ба онҳо алоқамандбуда гуфта гузаред?

*Муҳандиси лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Сохтмони сардхона дар бисёр маврид аз хоҳиш ва талаботи мизоҷон вобаста аст. Дар бозорҳои маҳаллӣ якчанд вариантҳо мавҷуданд, ки аз рӯи онҳо сардхонаҳои баландсифат бо истифода аз сэндвич-панелҳо бо назорати автоматии ҳарорат, намнокӣ ва таркиби ҳавою газҳо сохта шудаанд. Инчунин роҳҳои камхарҷи ҳалли ин масъала низ вуҷуд доранд, масалан бо масолеҳи пенополиуретан рӯйпӯш намудани деворҳо ва насб намудани чиллерҳо. Сардхонаи аз сэндвич-панелҳои ғафсиашон 5-7-10 ё 15 см иборатбударо метавон дар ҷойҳои кушод бунёд намуд. Пенополиуретанро инчунин метавонем дар деворҳои бино ё таҳхонаҳои мавҷудбуда истифода барем.

Арзиши дар сардхона нигоҳ доштани маҳсулот бо дараҷаи хосташавандаи сардкунии муҳит вобастагӣ дорад (яъне нигоҳдории биоиқлимӣ, сардкунӣ ва яхкунонӣ), ки ғафсии деворҳо ва масолеҳи рӯйпӯшкунӣ, инчунин маҳсулнокии чиллерҳоро муайян менамояд. Ин унсурҳо ҳангоми нархгузории маҳсулот нақши асосиро мебозанд. Вале агар умумӣ карда гӯем, сохтани як метри мукааби камераи сардкунандаи бо чиллерҳо муҷаҳҳаз аз 35 то 75 доллари Иёлоти Муттаҳидаи Амрико арзиш дорад.

*Мутахассис оид ба маркетинги лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Ташаккур, ки доир ба нарху арзишҳо маълумот додед. Ин ба шунавандагони мо имконият медиҳад, ки натиҷаҳои молиявии хулосаҳои худро бифаҳманд. Ва лутфан бигӯед, ки кадом намудҳои сардхонаҳо имрӯзҳо мавҷуданд?

*Муҳандиси лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Одатан деҳқонони тоҷик ду намуди сардхонаро истифода мебаранд. Инҳо ҳамон сардхонаҳое мебошанд, ки дар бораашон мо пештар гуфта гузаштем – яъне сардхонаҳои аз сэндвич-панел сохташуда ва бо масолеҳи пенополиуретан рӯйпӯшкардашуда. Сардхонаҳое, ки аз сэндвич-панелҳо сохта шудаанд, ба таври осон ҷамъубаст ва ба қисмњо ҷудо карда мешаванд, аз як ҷо ба ҷои дигар гузаронидани онҳо мушкил нест. Пенополиуретан бошад, ба сатҳи деворҳо, сақф ва фарши бинову анборҳо пошида мешавад. Ғайр аз он, намуди сардхонаҳо аз 3 зинаи сардкунӣ иборат аст: фароҳам овардани иқлими биологӣ, сардкунӣ ва яхкунонӣ. Камераҳои сардкунии нисбатан мукаммал, замонавӣ ва инноватсионӣ имконият медиҳанд, ки фазои дохили сардхона бо дарназардошти равандҳои мураккаби биокимиёвӣ, ки дар худи меваю сабзавот ба амал меоянд, назорат карда шаванд. Чунин намуди сардхонаҳо дар Тоҷикистон бо сабаби дар аввал сарфу хароҷотҳои баланд доштан кам истифода бурда мешаванд.

*Мутахассис оид ба маркетинги лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Боварӣ дорам, ки маънидодҳои Шумо барои шунавандагон бисёр ҷолиб буданд. Лутфан мегуфтед, ки барои истифодаи як сардхона чӣ қадар энергия лозим аст?

*Муҳандиси лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Боз ҳам бояд қайд намоем, ки ин аз намуди маҳсулоти нигоҳдоришаванда, ҳарорат, тарзи рӯйпӯшкунии сардхона ва самаранокии истифодаи чиллер ё сплит-система вобаста аст.

Агар каме бо мафҳумҳои техникӣ бифаҳмонем, масалан агар мо хоҳем, ки сардхонаи ҳаҷмаш 360 метри мукааб бисозем, ки баландиаш 3 м, бараш 6 м ва дарозиаш 20 м аст, он гоҳ бояд донем, ки ҳарорати тахминӣ дар дохили сардхона реҷаи нигоҳдории маҳсулот аз -5 то + 5 ° дараҷа аз рӯи Целсий хоҳад буд. Ин барои меваю сабзавот реҷаи ҳароратии стандартӣ ба шумор меравад. Агар деворҳо бетонӣ бошанду ғафсиашон 30 см-ро ташкил диҳад, он гоҳ онҳоро бо пенополиуретани ғафсиаш 50 мм рӯйпӯш менамоем. Ғайр аз ин, мо чиллери пурсамар насб менамоем. Дар чунин сардхона сарфи энергия дар як сол тақрибан 30 000 кВт˙соат ё 400 кВт·соатро дар як сол ба 1 тонна воҳиди маҳсулоти нигаҳдоришаванда ташкил медиҳад, ки ин тақрибан ба 19500 сомонӣ ё 1900 доллари Иёлоти Муттаҳидаи Амрико баробар аст.

*Мутахассис оид ба маркетинги лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Барои он, ки шунавандагони мо дурусттар бифаҳманд, лутфан мисол меовардед, ки дар мавсими зимистон давомнокии нигоҳдории сабзавот дар дохили сардхона чанд вақтро бояд ташкил диҳад?

*Муҳандиси лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Помидорҳои пухтарасидаи рангашон сурхча ва сурхи тираро одатан дар сардхонаҳои ҳарораташон тақрибан + 1 °C ва намнокии ҳаво 90% будан дар давоми як моҳ нигоҳ медоранд. Агар ҳарорат + 4 °C бошад, помидорро 2-4 ҳафта ва агар + 6 °C бошад, то 10 рӯз нигоҳ медоранд. Вале агар ҳарорати оптималӣ аз 0 то +7 дараҷа бошад, масалан ангурро аз 3 ҳафта то 6 моҳ нигоҳ доштан мумкин аст.

*Мутахассис оид ба маркетинги лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Ташаккур, ки ба мо маълумотҳои муфид пешниҳод намудед.

*Муҳандиси лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Мо бо якчанд ширкатҳои таҷрибадори маҳаллӣ, ки дар ҷумҳуриамон бо масоили таъмин намудан ё насби сардхонаҳо машғуланд, шартномаҳои давомнок дорем. Ва мо бисёр шод хоҳем шуд, агар маълумотҳоро оид ба таъминкунандагони боэътимод ба деҳқонону соҳибкороне, ки ба сардхонаҳо маблағгузорӣ карданиянд, дастрас намоем.

Ба ғайр аз ин, мо деҳқонону соҳибкоронеро медонем, ки дар бораи таҷрибаи худ оид ба нигоҳдории меваю сабзавот бо майли тамом маслиҳатҳои муфид дода метавонанд. Инчунин гурӯҳи муҳандисони лоиҳаи GEFF Тоҷикистон омодаанд ба ҳама гуна саволҳои Шумо ҷавоб диҳанд ё дар бораи самаранокии сардхонаҳо маслиҳатҳо манзур намоянд.

*Мутахассис оид ба маркетинги лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Бояд зикр намоем ки лоиҳаи GEFF Тоҷикистон масъалаи сохтмони сардхонаҳоро ҳамзамон бо пешниҳоди экспертиза дастгирӣ намуда, барои дастрасӣ ёфтан ба маблағгузории сабз кӯмак мерасонад. Дар вазъияти имрӯзаи фаъол будани пандемияи Covid-19 мо аз хона набаромада чӣ корҳоро анҷом дода метавонем? Дар ин самт ягон пешниҳод дода метавонед?

*Муҳандиси лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Азбаски масъалаи таъминоти дохилӣ бо маҳсулоти озуқаворӣ ҳарчӣ бештар муҳимтар гардида истодааст, дар дохили сардхонаҳо нигоҳ доштани маҳсулот барои пешбурди соҳибкорӣ низ хело муҳим аст. Ин ҷо мо метавонем дар бораи таҳияи бизнес-нақша барои нигоҳдории маҳсулот фикр намоем. Ба сифати кӯмак мо аз деҳқонон даъват ба амал меорем, ки масалан ба нархи ангур дар моҳҳои сентябр ва март диққат зоҳир намоянд.

*Мутахассис оид ба маркетинги лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Ин ҷо ман мехостам ҳамкори худро ба сӯҳбат даъват намоям, то ки он кас дар бораи таҷрибаи муваффақи деҳқон аз шаҳри Ҳисор, ки барои бунёди сардхона маблағгузорӣ намуда, аз он баҳра гирифта истодааст, ба мо нақл намоянд. Фатҳиддин Раупов тӯли 15 сол аст, ки дар бозори шаҳри Ҳисор бо фурӯши масолеҳи сохтмонӣ машғул аст. Ӯ имкониятҳоро барои диверсификатсияи соҳибкории худ ва зиёд намудани даромаднокӣ ҷустуҷӯ менамуд.  Ва ҳоло ҳамкори ман Нигора дар бораи ин таҷрибаи муваффақ муфассалтар гуфта мегузаранд.

*Мутахассис оид ба маркетинги лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Салом ба ҳама. Бале, албатта, Раупов ба яке аз шарикони молиявии ҳамкори Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд барои гирифтани қарз дар ҳаҷми 18 ҳазору 570 доллари Иёлоти Муттаҳидаи Амрико муроҷиат намуда, сардхонае бунёд намуд, ки имконияти нигоҳдории 300 тонна маҳсулотро дорост. Дар ҳамин шароит ҳаҷми сардхона, ки барои нигоҳдории 300 тонна ангур пешбинӣ шудааст, тақрибан 900 метри мукаабро ташкил медиҳад. Ӯ ба таҷрибаи бои худ дар соҳаи сохтмон такя намуда, дар ҳавлии худ сардхонаи шахсӣ бунёд намуд ва барои харидории 2 адад чиллер дар доираи лоиҳаи GEFF маблағ қарз гирифт. Ҳатто ба оне, ки сарфаи энергия ба ҳисоби доллар аз сабаби паст будани арзиши нерӯи барқ дар Тоҷикистон минималӣ ба шумор меравад, ин гуна системаҳои нигоҳдорӣ дар сардхонаҳо дар мавсими зимистону баҳор миқдори кофии меваю сабзавотро таъмин карда метавонад, зеро бо ин роҳ аҳолӣ имконият пайдо менамоянд, ки ба миқдори минималии моддаҳои ғизоӣ ва витаминҳо дастрасӣ дошта бошанд, вагарна бе онҳо имконнопазир аст. Дар мавзеъҳои деҳоти Тоҷикистон, ки масъалаи хомӯшкунии нерӯи барқ ба ҳукми анъана даромадааст, бо роҳи бунёди сардхонаҳо кафолат дода мешавад, ки меваю сабзавот баъд аз ҷамъоварӣ муддати тӯлонӣ тару тоза боқӣ мемонанд. Ин дар навбати худ барои мустаҳкам гардидани занҷираи дастраснамоӣ дар соҳаи кишоварзии Тоҷикистон мусоидат менамояд.

*Мутахассис оид ба маркетинги лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Инчунин ба Раупов аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо маблағи грантӣ дар ҳаҷми 30% пешниҳод гардид, ки ин дастрасии деҳқононро ба маблағ беҳтар мегардонад.

*Мутахассис оид ба маркетинги лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Лозим ба ёдоварист, ки аз соли оянда Раупов хизматрасониро барои нигоҳдории ангур ба дигар деҳқонон пешниҳод менамояд

*Мутахассис оид ба маркетинги лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Ташаккури зиёд ба Шумо, ин дар ҳақиқат таҷрибаи бисёр ҳам ҷолиб ва илҳомбахш мебошад. Дар фарҷом мехостам илова намоям, ки сардхонаҳо яке аз унсурҳои асосии занҷираи бунёди арзиш дар кишоварзӣ ба шумор мераванд. Ҳар як намуди маҳсулоти тару тоза дорои имконияти муайян ва маҳдуди нигоҳдорӣ мебошад, ки бо хусусиятҳои физиологӣ ва ҳарорати нигоҳдорӣ алоқаманд буда,

истифодаи сардхонаҳои муосиру пурсамар метавонад талафоти маҳсулоти зудвайроншавандаро пешгирӣ ва кам намояд.

Хотиррасон мекунам, ки Барномаи Маблағгузории Иқтисоди Сабзи Тоҷикистон лоиҳаи Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд буда, дар ҳамкорӣ бо Иттиҳоди Аврупо, Хазинаи Иқлими Сабз ва Ҷумҳурии Корея амалӣ шудаистодааст.  Лоиҳаи мазкур тавассути Шарикони молиявии маҳаллӣ, гузариш ба иқтисоди сабзро бо сармоягузории 25 миллион доллари ИМА, ки барои истифодаи самаранокии энергия ва дигар захираҳо пешбинӣ шудааст, фаъолият менамояд. GEFF Тоҷикистон технологияҳои гуногуни инноватсионии сабзро дастгирӣ менамояд. Лоиҳа инчунин чорабиниҳои гендериро, ки барои баланд бардоштани имкониятҳои баробари занон ва мардон барои ёфтани дастрасӣ ба маблағгузории иқтисоди сабз равона гардидаанд, дастгирӣ менамояд. Барои гирифтани маълумоти иловагӣ метавонед ба сомонаи мо www.ebrdgeff.com/tajikistan ворид шавед ё худ моро дар саҳифаи Facebook дарёфт намоед.

Ин пахши сеюми силсилаи подкастҳои лоиҳаи GEFF Тоҷикистон буд, ки дар ду ҳафта як маротиба омода мешавад. Ба шунавандагон барои таваҷҷӯҳатон ташаккур ва аз подкасти оянда, ки ба “Бунёди боғҳо дар нишебиҳо” бахшида шудааст, пайгирӣ намоед.

Мо инчунин тавсия медиҳем, ки дар вақти пандемияи коронавирус худ ва наздиконатонро эҳтиёт намоед. То дидор!